«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Насриддинзода Э.С.
_______________________
«____» ______________2024 с.

# ХУЛОСАИ

**кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ Қамчибекова Гулнора Эшоновна дар мавзуи “Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Қамчибекова Гулнора Эшоновна 03 сентябри соли 1989 дар ноҳияи Лахш дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Соли 2012 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси психология хатм намудааст.

Тибқи фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 03.02.2013 таҳти №72-05 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика қабул шудааст. Аз соли 2013 инҷониб дар кафедраи психологияи факултети фалсафаи ДМТ ба ҳайси ассисент фаъолият менамояд.

Қамчибекова Гулнора Эшоновна ҳамчун унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, имтиҳонҳои номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм – бо баҳои “хуб”, забони англисӣ – “хуб” ва педагогика – ихтисосро бо баҳои “аъло” супоридааст. Шаҳодатнома оид ба супороидани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 05.06.2023 таҳти №72 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудаст.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ Юнусова Нафисахон Муродовна.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Таҳаввули бесобиқаи ҷомеаи муосир ва дигаргуниҳои иҷтимоии солҳои охир дар тамоми қишрҳои ҷомеа ба

мушоҳида мерасад, ки бевосита он аз дараҷаи маърифат ва нерӯи тамаддунофарии аҳли ҷомеа таъсиргузор аст. Аксар донишмандон андеша доранд, ки асоси маърифат ва тамаддунро дониш, маҳорат ва малака ташкил медиҳанд, ки он бевосита ба рушди системаи маориф алоқаманд мебошад. Новобаста аз омилҳои таъсиргузор, таълиму тарбия дар раванди бунёди оила ва ҷомеаи мутамаддин афзалият дошта, масъулият барои некуаҳволӣ ва беҳсозии вазъи ҷомеа тавассути ташаккул додани малакаҳои асосии иҷтимоӣ, малакаҳои амалӣ дар соҳаи иқтисод ва муносибатҳои иҷтимоӣ, рушди нерӯи зеҳнӣ, таъмини фаъолияти иҷтимоӣ дар ҷомеа, ривоҷ дода мешавад. Зикр намудан бомаврид аст, ки тавассути дастгирӣ кардани ҷавонони фаъол, новобаста аз мавқеи иҷтимоӣ барои тавсеаи имкониятҳо ва дарк намудани нақшҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии оила ва оиладорӣ, кӯшиш ба харҷ дода шавад.

Қишри асосии ҷомеаро калонсолон, махсусан волидон ташкил медиҳанд, ки барои ташаккул ва таҳкими ахлоқ ва тарбия нақши муҳим мебозанд. Дар раванди тарбия ва таълими толибилмон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ нақши якхела надоранд. Саҳми волидон ва омӯзгорон нисбатан бештар мебошад. Аз ин рӯ муҳимтарин вазифаи инсон новобаста аз вазъи иҷтимоӣ, худро падар ё модар эҳсос намудан мебошад, ки он одатан дарки моҳияти зиндагӣ ва саъю кӯшишро тақозо мекунад.

Ҷараёни дарки мақому вазифа оҳиста - оҳиста касро ба сӯйи масъулиятшиносӣ мебарад. Масълан таваллуди кӯдак аз волидон ғамхорӣ ва парасториро ба таври қатъӣ тақозо мекунад. Гузашта аз ин, кӯдак аз ҳар нигоҳ вобастаи волидон аст.

Муҳаққиқ бо назардошти таҳқиқот ва фарзияи пешниҳод гардида, вазифаҳои зеринро иҷро кардааст:

– таҳкими асосҳои назариявӣ – методологии маърифати педагогӣ - психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила;

– таҳлили хусусиятҳои муносибатҳои волидон дар оила ва таъсири он ба инкишофи шахсияти хонандагон;

– коркарди технологияи нави маърифатнокии педагогӣ - психологии волидон бо баҳисобгири анъанаҳои миллӣ дар таълиму тарбияи оилавӣ;

– тартибдодани пурсишномаҳо, таҳлил ва натиҷагирӣ оид ба маърифатнокии педагогӣ – психологии волидон;

– таҳлилу баррасӣ ва муқоисаи натиҷаҳои бадастовардашуда оид ба нишондиҳандаҳои маърифатнокии педагогӣ - психологии волидон;

– коркард ва пешниҳод намудани тавсияҳо доир ба маърифатнокии педагогӣ – психологии волидон;

– ошкор кардани анъанаҳои миллӣ дар тарбияи оилавӣ ҳамчун заминаи ташаккули маърифати педагогӣ – психологии волидон;

– кушода додани мушкилоти волидон дар раванди таълиму тарбия таввасути роҳу усулҳои муассири педагогию психологӣ.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки маълумотҳои илмии бадастовардашуда барои амалигардонии маърифатноккунии волидон, анъанаҳои миллӣ дар таълиму тарбияи оилавӣ буда, онҳоро метавон ҳангоми коркарди барномаҳо барои волидон ва роҳҳои ташаккулёбии маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун асос истифода бурд. Натиҷаҳои дар рафти кор бадастомадаро дар тадкиқи минбаъдаи мавзуъ дар доираи дигар илмҳо низ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои бадастовардашудаи диссертатсияро метавон ҳангоми таълими курсҳои «Маҳорати коммуникативии волидон», «Муошırати педагогии волидон», «Муносибатҳои волидон дар оила», «Педагогикаи омӯзгорӣ» ва «Педагогикаи синнусолӣ», ба таври васеъ истифода бурд.

Асосҳои методологии таҳқиқотро акидаҳои педагогии олимон – мутафаккирон, олимони навовар, асарҳои педагогии олимон дар соҳаи педагогика ва психология, ташкил медиҳанд: “Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила” (Орлова М.В.), “Тарбияи иҷтимоию педагогӣ, тарбияи оила ва анъанаҳои оилавӣ” (Маҷидова Б.), “Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ” (Лутфулозода М., Абдураҳимов Қ.С.), “Педагогика ва психология” (Миралиев А., Давдатов М.), “Хусусиятҳои

тарбиявии оила" (Е. И. Радина), "Маҳорати коммуникативии волидон" (О. Л. Зверева ва Т. В. Кротова), "Хусусиятҳои муоширати волидон бо кӯдак" (Е. И. Радина), "Мушкилотҳои волидон барои тарбия намудани фарзандон дар оила" (Э. П. Арнаутова, Е.Л. Горлова, О.Л. Зверева, Л.В.), "Инкишофи шахсияти хонанда" (П. Мюссен, Ҷ. Каган).

Ҷараёни таҳкикот, сохтор ва муҳтавои рисола ва натиҷаҳои асосии он дар ҷаласаҳои кафедраҳои педагогикаи муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар конфренсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ, семинарҳо ва баромадҳои муаллиф дар шакли маърӯза мавриди муаррифӣ ва баррасӣ қарор гирифтааст.

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М] Қамчибекова Г.Э. Ҳамкории мактаб ва оила-омили муҳимми маърифати педагогии волидон/Г.Э. Қамчибекова//Паёми ДМТ, (Маҷалаи илмӣ). №3/3 (2074) - Душанбе: «Сино», 2016. –С.255-260

[2-М] Қамчибекова Г.Э. Маърифати психологӣ - педагогии волидон ва роҳҳои баланд бардоштани он/Г.Э. Қамчибекова//Паёми ДМТ, (Маҷалаи илмӣ). №3/5 (2074) - Душанбе: «Сино», 2017. –С.219-223

[3-М] Қамчибекова Г.Э. Маърифати оиладорӣ – омили муҳимми омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ/ З.П. Ризвонова, Г.Э. Қамчибекова //Паёми ДМТ, (Маҷалаи илмӣ). №3 (2074) - Душанбе: «Сино», 2018. –С.258-265

[4-М] Қамчибекова Г.Э. Ҷанбаҳои психологии мутобиқшавии оилаҳои ҷавон ба ҳаёти оилавӣ (дар мисоли оилаҳои деҳот ва шаҳр)/Г.Э. Қамчибекова//Паёми ДМТ, (Маҷалаи илмӣ). №5 (2074) - Душанбе: «Сино», 2019. –С.308-314

[5-М] Камчибекова Г.Э. Маърифати педагогии волидон ҳамчун омили беҳинасозии тарбияи кӯдак дар оила/Г.Э. Қамчибекова//Паёми Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон соли 2019 рақами 2(31)- Душанбе: "Сино", 2019.-С.48-52

[6-М] Қамчибекова Г.Э. Накши меҳварии оила дар рушди шахсияти кӯдак /Г.Э. Қамчибекова //Паёми ДМТ, (Маҷалаи илмӣ). №8 (2074) - Душанбе: «Сино», 2021. –С.223-229

[7-М] Қамчибекова Г.Э. Раҳёфтҳои муосир оид ба масъалаи маърифати психологӣ-педагогии волидайн бо дарназардошти анъанаҳои миллии тарбияи оилавии тоҷикон /Н.М. Юнусова, Г.Э. Қамчибекова//Паёми ДМТ, (Маҷалаи илмӣ). №11 қисми II (2074) - Душанбе: «Сино», 2023. – С.204-210.

**Маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ:**

[8-М] Қамчибекова Г.Э. Маърифати педагогӣ ҳамчун воситаи тарбия/ Г.Э. Қамчибекова// Мақолаҳои конференсияи илми-амалии ҷумҳуриявӣ «оила ҳамчун институти иҷтимоӣ ва сарчашмаи рушди ҷомеа» (маҷмуаи илмӣ) (17-18 июни соли 2015).-Душанбе, 2015.-С.41-45

[9-М] Қамчибекова Г.Э. Усулҳои нави педагогикунонии ҳамкории мактаб ва оила/ Н.М. Юнусова, Қамчибекова Г.Э.// Мақолаҳои конференсияи илми-амалии ҷумҳуриявӣ «Модерзатсияи системаи таҳсилоти ҷумҳуриявии Тоҷикистон (мисол ва дурнамо)”, (маҷмуаи илмӣ) (21-22 октябри соли 2015).-Душанбе, 2015.-С.14-17

[10-М] Қамчибекова Г.Э. Ҳамкори мактаб ва оила дар маърифаткунонии волидон/Г.Э. Қамчибекова/ Барномаи конференсияи ҷумҳурии илмӣ – назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «25 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2016.-С.48

[11-М] Қамчибекова Г.Э. Нақши меҳвари оила дар рушди шахсияти насли наврас./Г.Э. Қамчибекова// Масоили мубрами психологӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон. (Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). Нашри 2. Психологияи муносибатҳои оилавӣ.-Душанбе, 2016.-С. 174-180.

[12-М] Қамчибекова Г.Э. Нақши тарбияи ахлоқи маънавӣ дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ/З.П.Ризвонова, Г.Э. Қамчибекова// Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони кафедраи психология бахшида ба Даҳсолаи байналмиллалии

амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии зодрузи Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» Душанбе, 2018 С.-326.

**[13-М]** Қамчибекова Г.Э. Нақши маърифатнокии волидон дар тарбияи фарзандон /Г.Э. Қамчибекова//Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони кафедраи психология бахшида ба Даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии зодрузи Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» Душанбе, 2018 с-327.

**[14-М]** Қамчибекова Г.Э. Тренинги педагогӣ – психологӣ ҳамчун воситаи маърифаткунонии волидон/ Г.Э. Қамчибекова// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400 – солагии Миробид Саиидои Насафӣ». Ҷилди II.-Душанбе, 2019.-С.107

**[15-М]** Қамчибекова Г.Э. Саҳми мактаб дар рушди шахсияти кӯдакон/ Г.Э. Қамчибекова//Маводи конференсияи байналмиллалии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Макатби муосир ва проблемаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ», бахшидаба 30- солагии қонуни ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маориф» ва 70 – солагии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Абдулбоқӣ Нурзода.-Душанбе: "Сино".-С.179-181

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи илмии Қамчибекова Гулнора Эшоновна дар мавзуи "Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила" кори илмии мустақилона ба анҷомрасида мебошад, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст.

2. Диссертатсияи илмии Қамчибекова Гулнора Эшоновна дар мавзуи "Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши

таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ҷавобгӯ мебошад.

3. Диссертатсияи Қамчибекова Гулнора Эшоновна дар мавзуи “Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила” барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур аз тарафи ташхисгар н.и.п., дотсент Ахмедова М.С., тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудааст.

Дар ҷаласа 11 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 11 нафар, “муқобил” - нест, “бетараф” - нест. Қарор бо як овоз қабул шуд, суратҷаласаи №6 аз 17 январи соли 2024.

**Раиси ҷаласа: номзади илмҳои педагогӣ,**
**дотсент** **Тошзода С.Ҳ.**

**Ташхисгар: н.и.п., дотсент** **Ахмедова М.С.**

**Котиби семинари илмӣ-назариявии кафедра** **Музафарова Х.А.**
17.01.2024 с.

**Маълумот барои тамос:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел: 903212127. E-mail:toshzoda@inbox.ru

Имзоҳои С.Ҳ. Тошзода , М.С. Ахмедова, Музафарова Х.А.- ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
17.01.2024 с.